# ХУЛОСАИ НИҲОИИ

**Шурои диссертатсионии 6D.KOA-058-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ аз рӯйи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои география аз рӯйи ихтисоси 25.00.24 – Географияи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва рекреатсионӣ**

Парвандаи аттестатсионии № _____

Қарори шурои диссертатсионӣ аз 8 июни соли 2023, таҳти №18/1 дар бораи сазовор донистани Симоилбеков Асрор Музофирович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои география аз рӯйи ихтисоси 25.00.24 – Географияи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва рекреатсионӣ.

Диссертатсияи Симоилбеков Асрор Музофирович дар мавзуи «Имкониятҳои истифодабарии самараноки сарватҳои таърихию фарҳангии минтақаи кӯҳистони Бадахшон дар ташкили ҳудудии сайёҳӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои география аз рӯйи ихтисоси 25.00.24 – Географияи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва рекреатсионӣ дар таърихи 28.03.2023, суратмаҷлиси №13 аз ҷониби Шурои диссертатсионии 6D.KOA-058-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ (734003 ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 121, Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 1 июли соли 2022, таҳти №196/шд) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Симоилбеков Асрор Музофирович 10-уми сентябри соли 1993 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Мавсуф соли 2011 ба шубаи рӯзонаи факултети биологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси экология дохил шуда, донишгоҳи мазкурро соли 2016 хатм намудааст.

Соли 2018 ба шубаи аспирантураи Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев аз рӯйи ихтисоси география дохил гардида, онро соли 2021 хатм намудааст.

Аз соли 2017 ба ҳайси ассистенти кафедраи биоэкология ва туризми факултети биологияи Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев фаъолият намуда, аз соли 2019 то соли 2021 муовини декани факултети биология ва аз соли 2022 то ҳол ба ҳайси муовини сардори раёсати таълими Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев кору фаолият дорад.

Мавзуи диссертатсия – «Имкониятҳои истифодабарии самараноки сарватҳои таърихию фарҳангии минтақаи кӯҳистони Бадахшон дар ташкили ҳудудии сайёҳӣ» дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи давлатии Хоруғ

ба номи Моёншо Назаршоев, суратҷаласалаи №8 аз 27.04.2018 тасдиқ карда шудааст.

Ба унвонҷӯ маълумотномаи академӣ оид ба имтиҳонҳои фанҳои таълимӣ санаи 16.02.2023 сол, таҳти №04/93 дода шудааст.

Диссертатсия дар кафедраи биоэкология ва туризми факултети биологияи Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев омода ва муҳокима шудааст. Ғайр аз ин, диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи биоэкология ва туризми факултети биологияи Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев (аз санаи 10.10.2022) ҳамчунин, дар ҷаласаи васеи ғайринавбати Шурои илмии факултети биологияи Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М.Назаршоев муҳокима гардида, аз 18-уми ноябри соли 2022 ба ҳимоя тавсия дода шудааст.

**Роҳбари илмӣ:**

**Мамадризохонов Акбар Алихонович** – доктори илмҳои биологӣ профессори кафедраи биоэкология ва туризми факултети биологияи Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев.

**Мушовири илмӣ:**

**Диловаров Раҳматшо Диловарович** – номзади илмҳои география, дотсенти кафедраи географияи иқтисодӣ ва иҷтимоии факултети географияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддини Айнӣ

**Муқарризони расмӣ:**

**Умаров Хоҷимуҳаммад Умарович** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи географияи иқтисодӣ ва сайёҳии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Амонатова Маҳбуба Атоевна** – номзади илмҳои география, дотсенти кафедраи иқтисодиёти ҷаҳон ва муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар** – Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон буда, дар тақризи мусбии худ, ки аз ҷониби номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Қодирова М.И. таҳия гардида, аз ҷониби раиси ҷаласа, мудири кафедраи бизнеси сайёҳӣ, рекреатсия ва меҳмондории муассисаи мазкур, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Қурбонов Ё.С. ва котиби ҷаласаи он лаборанти кафедраи болозикр Назирматова С. имзогузорӣ шудааст, инчунин бо муҳр ва имзои ректори муассиса, доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Асрорзода Убайдулло Саттор санаи 18.04.2023 сол тасдиқ гардидааст, қайд менамояд, ки диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад. Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он 11 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 6 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расонидааст. Интишороти унвонҷӯ нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**Муҳимтарин интишороти довталаби дараҷаи илмӣ аз рӯйи мавзуи диссертатсия:**


1. Симоилбеков А.М. Рушди туризми фарҳангӣ-этнографӣ ҳамчун усули ҳифз ва барқароркунии мероси табиӣ ва этнофарҳангии мавзеъҳои кӯҳистони Тоҷикистон/А.М.Симоилбеков, А.А. Мамадризохонов, Ҳ.Е. Карамухудоев //Паёми Донишгоҳи Хоруғ. Бахшии 2. №2 (15). Хоруғ, 2020. С. 163-168

2. Симоилбеков А.М. Перспективы и стратегические приоритети развития туризма на территории ГБАО Республики Таджикистан/ А.М. Симоилбеков, А.А. Мамадризохонов // Вестник Таджикского найионального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. Часть 2. №3. Душанбе, 2021. С. 90-95.

3. Симоилбеков А.М. Имкониятҳои рушди самараноки туризми таърихӣ-фарҳангӣ дар шароити ВМКБ/ А.М. Симоилбеков // Паёми Донигоҳи Хоруғ. Бахши 2. №3(19). Хоруғ, 2021. С.-90-95.

4. Симолибеков А.М. Перспективы развития туризма по маршруту Таджикской линии Великого шёлкового пути / А.М. Симоилбеков, А.А. Мамадризохонов // Вестник Педогогического унивкрситета. Серия естественных наук. №3-4(11-12). Душанбе, 2021.С.26-30.

5. Симолибеков А.М. Сайёҳии таърихию фарҳангӣ ҳамчун стратегияи рушди иқтисодӣ дар минтақаҳои кӯҳии мамлакат / А.А. Симоилбеков, Р. Диловаров // Паёми Донигоҳи Хоруғ. Бахши 1. №3(23). Хоруғ, 2022. С.65-73.

6. Симоилбеков А.М. Осори этнофарҳангии ВМКБ ва нақши ор дар ҷалби сайёҳон. Симоилбеков А.М. // Маводи конференсияи Ҷумҳуриявии илмию назариявии “Мавқеъ ва нақши ёдгориҳои таърихӣ дар рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон. Душанбе, 2018. С

157 – 159.

7. Симоилбеков А.М. Этнокультурный особенности ГБАО – важный фактор развития туризма. А.М. Симоилбеков, А.А. Мамадризохонов // Вестник Хорогского университета. Серия 1 №12. Хорог, 2018. С. 78-95.

8. Симоилбеков А.М. Проблема охраны и рационального использования биоразнообразия горных регионов Таджикистана/ А.М. Симоилбеков, А.А. Мамадризохонов // Материалы республиканской научной конференции "Биоразнообразие горных экосистема Памира в связи с изменением климата" Инститyт биолгии Помир им Юсуфбекова Х.Ю. Хорог, 2021. С 165-168.

9. Симоилбеков А.М. Вопросы устойчивого использования биоразнообразия горных регионов Таджикистана/ А.М. Симоилбеков, А.А. Мамадризохонов // Материалы IX-ой международной конференции "Экологические особенности биологического разнообразия" Национальная академия наук Таджикистана, Хатлонский научный центр. Душанбе, 2021. С 146-147.

10. Симоилбеков А.М. Стратегические приоритеты развития туризма на территории ГБАО Республики Таджикистан/ А.М. Симоилбеков, А.А. Мамадризохонов //Материаль международной научно-практической конференции "Роль системы образования в эффективном решении проблем, охраны и рационального использования природных ресурсов Памира" Хорог, 10-11 ноябр 2021.

11. Симоилбеков А.М. Мушкилоти асосии фаолияи самаранок ва рушди соҳаи сайёҳи дар шароити ВМКБ Ҷумҳурии Тоҷикистон/ А.М. Симоилбеков, А.А. Мамадризохонов // Маҷмӯи мақолаҳои илмӣ конфренсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзӯъи: "Рушди илм ва маориф дар шароити ҷаҳоншавӣ дар мисоли шароити кӯҳистон: Мушкилот, равишҳои нав ва таҳқиқоти дахлдор". Хоруғ, 2022. С 149-153.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

**Қодирова З.Ҳ.** – дотсенти кафедраи иқтисодиёт ва ташкили соҳибкории Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ;

**Ҷонмамадов Ш.Б.** – сарходими йлмии шубаи таҳқиқоти муқоисавии иқтисодии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ;

**Аминов А.Ҳ.** – директори Муассисаи давлатии Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии фарҳанг ва иттилооти Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ;

**Амирбекзода Ҳ.** – муовини якуми раиси Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**Абдураҳимова М.М.** – мудири кафедраи географияи табиии факултети геоэкология ва туризми Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров, номзади илмҳои география, дотсент;

**Гадоев Ш.Д.** – мудири кафедраи география ва сайёҳии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ, номзади илмҳои география, дотсент;

**Раҳмонов А.** – мудири кафедраи технологияҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва сайёҳии МДТ «ДДФСТ ба номи Мирзо Турсунзода», номзади илмҳои педагогӣ, и.в. дотсент.

Ҳамаи тақризҳо мусбӣ буда, дар онҳо баъзе эродҳои хусусияти баҳснокдошта манзур шудааст. Эродҳо асосан нуктаҳои илмии мубоҳисавии диссертатсияро оиди ҳарчи бештар ҷалб намудани сайёҳон ба минтақа ва ба даст даровардани даромади иқтисодӣ аз ҳисоби ин соҳа, пешниҳод намудани маҳсулоти маҳалӣ барои бозорҳои байналмилалии сайёҳӣ, ташкил намудани хатсайёрҳои сайёҳӣ дар ноҳияҳои минтақаи сайёҳии Бадахшон, бунёди инфрасохторҳои сайёҳии ҷавобгӯ ба талаботро фаро мегиранд.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо назардошти муқарраароти бандҳои 67-70 ва 74-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд.

Ҳамчунин, интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи тақриздиҳанда бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо аз рӯйи ихтисоси 25.00.24 – Географияи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва рекреатсионӣ дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд ва корҳои илмӣ-таҳқиқотии онҳо ба масъалаи гуногуни кори илмии анҷомдодашуда, алоқамандии зич доранд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

– омӯзиш ва такмили асосҳои назариявӣ ва методологии мавзеҳои сайёҳӣ барои таъмин намудани заминаи назариявии ташкили амалии фаъолияти сайёҳии таърихию фарҳангӣ;

– тавсифоти сарватҳои таърихию фарҳангии минтақаи кӯҳистони Бадахшон ва баррасӣ намудани нақши онҳо дар рушди соҳаи сайёҳӣ;

– муайян намудани марҳилаҳои асосии инкишофи натиҷабахши сайёҳии таърихию фарҳангӣ дар шароити минтақа;

– таҳлил ва асоснок намудани мушкилот ва афзалиятҳои стратегии сайёҳии таърихию фарҳангӣ ва самтҳои афзалиятноки рушди он дар ҳудуди ВМКБ;

– ноҳиябандӣ намудани ҳудуди минтақаи Бадахшон вобаста ба мавҷудияти захира ва сарватҳои осори таърихию фарҳангӣ ва мусоидат ба ташкили муташакили фаъолияти соҳа;

– коркард ва тартиб додани модели тараққиёти иқтисодию иҷтимоии минтақавӣ;

– таҳияи пешниҳодҳо ва тавсияҳо ҷиҳати боз ҳам самаранок ба роҳ мондани фаъолияти самараноки идоракунии соҳа ва зиёд намудани иқтидори он баҳри баланд бардоштани даромаднокии соҳа ва ҳалли мушкилотҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии минтақа.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ бо он асоснок карда шудааст,** ки натиҷаи бадастомада дар системаи минтақавии рушд ва ташвиқи сайёҳии таърихию фарҳангӣ дар ҳудуди ВМКБ-и Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат кард. Ҳамин тавр, аз рӯйи натиҷаҳои бадастомада, ба чунин хулосаи асоснок омадан мумкин аст, ки таҳқиқоти мазкур метавонад дар рушди илми география, сайёҳӣ, иқтисодиёт саҳми арзанда гузошта, дар баробари ин, баҳри бартараф намудани норасоиҳои ҷойдоштаи амалияи география кумак расонад.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта, ба сифати заминаи методологии таҳқиқот як қатор усулҳои умумиилмӣ ва хусусӣ, ба монанди:** иқтисодиёт, сотсиология, сиёсатшиносӣ, демография, харитасозӣ, оморӣ, мушоҳидаҳои саҳроӣ, иқтисодию риёзӣ, моделсозии иқтисодӣ истифода шудаанд.

Ҳамчунин ҷанбаҳои алоҳидаи назариявии осори олимони ватанию хориҷӣ ба монанди Х.М. Мухаббатов, Р.Д. Диловаров, А.М. Самиев, А.А. Мамадризохонов, А.А. Шоинбеков, Д.Ш. Сангинов, Ҳ.Е. Карамхудоев, Қ.Ш. Ҷураев, А.Ю. Александрова, Л.В. Баумгартен, Е.И. Богданова, А.Г. Бутузов, Т.Н. Третьякова ва дигарон омӯхта шудаанд.

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешаванд, ки** хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия таҳиянамудаи муаллиф, метавонанд ҷиҳати такмили соҳаи сайёҳии кишвар мавриди истифода қарор дода шаванд. Ҳамчунин, маводи таҳқиқоти мазкур метавонад дар ҷараёни таълим, дар муассисаҳои олӣ ҳангоми тадриси фанҳои география – географияи табиӣ, географияи иқтисодӣ – иҷтимоии Тоҷикистон, геоэкология, сайёҳӣ ва рекреатсия, таърих истифода шаванд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки:**

– нуктаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ ба осори илмии муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ дар самти сайёҳӣ, таърих ва фарҳанг дар ВМКБ асос ёфта, бо маводи интишории унвонҷӯ, ки оид ба мавзуи диссертатсия ба нашр расидаанд, мувофиқат менамоянд;

– дар таҳқиқоти диссертатсионӣ ақидаҳо, нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳои асарҳои олимони соҳаи география ва сайёҳӣ вобаста ба паҳлуҳои гуногуни сарватҳои таърихию фарҳангии минтақаи кӯҳистони Бадахшон таҳлил ва

мавриди омӯзиш қарор гирифта, саҳеҳнокии натиҷаҳои бадастовардашударо таъмин менамоянд;

– натиҷаҳои бадастовардаи унвонҷӯ барои рушди соҳаи сайёҳӣ мусоидат менамоянд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** бо он муайян мегардад, ки натиҷаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, аз ҷумла хулосаҳои назариявӣ, таклифу пешниҳодҳо ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, метавонанд дар рушди устувори сайҳии таърихию фарҳанги минтақаи кӯҳистони Бадахшон саҳми назаррас дошта бошанд.

Дар маҷлиси шурои диссертатсионӣ аз 8 июни соли 2023 қарор қабул карда шуд, ки ба Симоилбеков Асрор Музофирович дараҷаи илмии номзади илмҳои география аз рӯйи ихтисоси 25.00.24 – Географияи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва рекреатсионӣ дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ аз 9 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июли соли 2022, таҳти №196/шд тасдиқ гардидааст 8 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 4 нафарашон докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аз 8 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта, овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои география 8 нафар, муқобил – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои география, профессор Муҳаббатов Х.М.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Ҷӯраев А.Ҷ.

8 июни соли 2023